# РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*


# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №143 (4883) | ҶУМЪА, 22 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





**Парчами давлатии мо, ки бо тобиши рангҳои сурх ҳамчун рамзи озодиву истиқлол, сафед - сулҳу оромӣ, сабз - ободию хуррамӣ ва тоҷи соҳибдавлатӣ бо ҳафт ситораи дурахшон инъикоси тамаддуни оламгир, фарҳанги деринбунёди давлатдорӣ, масири пуршарафи ватанхоҳӣ ва қаҳрамониҳои фарзандони ҷонфидои миллат, шоҳкориҳои илму фан ва шаҳрсозию тинати ободкорию созандагии мардуми мо мебошад, таҳти сиёсати хирадбунёду сулҳҷӯёнаи Пешвои муаззаму маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ моро ба дастовардҳои нодири сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ташвиқ намуд.**

## РАМЗИ ШАҲОМАТУ ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

Иттиҳоди муташаккили одамонро, ки майл ва ормони бунёди давлати миллӣ доранд, лозим аст нахуст, ҳудуди муайян дошта бошанд, ҳокимияти оммавиро таъсис диҳанд ва ниҳоят, соҳибихтиёр гарданд. Ҳарчанд соҳиби рамзҳои миллӣ будан шарти асосии мавҷудияти давлат нест, вале ин рукн дар таҳкими истиқлолият ва пешбурди робитаҳои сиёсӣ, ҳамчунин, ҳамоҳангии иқтисодию фарҳангӣ миёни мамлакатҳо нақши муассир дорад. Аксарияти давлатҳо дар заминаи иттиҳоди одамони соҳибфарҳанг, ҳомилони ғановати таърихи миллати хеш ба миён омадаанд ва низоми арзишҳои фарҳангию таърихӣ барои ташаккули низоми идоракунии ин кишварҳо мусоидат намудааст. Аз ин рӯ, дар аксари давлатҳо тамоюли пос доштани арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ мушоҳида мешавад. Дар бештари мавридҳо ба хотири арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ва афзудани ифтихори миллӣ дар рамзҳои давлатӣ чунин омилҳоро инъикос менамоянд. Мувофиқан тамоми давлатҳои муосир соҳиби рамзҳои миллии худ мебошанд ва парчами миллӣ яке аз рукнҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Дар масири таърих соҳиби парчам будан яке аз аломатҳои асосии соҳибдавлатӣ будааст, зеро тасхир ва ё сарнагун шудани ҳукумате танҳо замоне эълон мегашт, ки парчами он таслим мешуд.


**(Давомаш дар саҳ. 2)**



**РАҲМОН Дилшод Сафарбек,**

**раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**


**Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи давлатдории навин аст, ки дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешкории фарзанди барӯманди меҳан, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пазируфта шудааст. Он рамзи истиқлоли сарзамин ва орзую ормони ҳазорсолаи миллат аст. Арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ дарки тағйироти сифатиест, ки дар ҷомеаи асри XX ба вуқӯъ пайваст. Истиқлоли фикрӣ бояд ва камоли хирад, ки ба умқи дигаргуниҳо бирасем.**



## АЗ ЗУҲУРИ РОДОН ТО ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

Ба ҳар тарзе ном мегирем: парчам, ливо, дирафш, роят ва байрақ, ки нишонаи мавҷудияти давлат ва аз муқаддасоти миллат ба шумор меравад. Дар маҷмӯъ, маҳсули ҳуши инсонҳои огоҳу фарҳехта ва ҷамъияти хоса буда, ба василаи намоду рамз аз таърих, анъанаҳои неки аҷдод, бовару тасаввур ва донишҳои пешину муосир маълумот медиҳад. Яъне, архетип аст. Ба тариқи дигар гӯем, таъриху фарҳанги миллатро мухтасар ва равшан мунъакис мекунад.

Аз қадим нишони давлатдории ниёкон ба унвони Дирафши ковиёнӣ ё Ахтари коваёнӣ асрҳо партавафшон буд. Он аз чарми пӯсти бабр ё паланг омода шуда буд ва Кова ҳангоми кор дар миён мебаст ва дар набардҳо ҳамроҳ мегирифт ва мегӯянд, ки хирадманде аз Исфаҳон дар он сад дарсад соъати саъд (соъати нек ва муборак) нақш карда буд ва Фаридун пас аз пирӯзӣ бар Заҳҳок онро ҷавоҳирнишон карда буд ва бо худ мебурду дар размҳо бо душман фотеҳ мешуд. Минбаъд мояи фатҳу зафари шоҳони ориёӣ будааст. Ранги он ба қавли Фирдавсӣ:

**Фурӯҳишт з-ӯ сурху зарду бунафш**
**Ҳамехондаш ковиёнӣ дирафш.**

Дар бораи Дирафши ковиёнӣ ривоятҳои дигар низ мавҷуданд. Гуфтаанд, ки дар ибтидо ҳамлаҳои араб натиҷа намебахшид. Сабабу омилҳои бемуваффақиятиро дар замони Умар ибни Хаттоб меҷустанд. Ҳамин овон буд, ки сарлашкари араб Абуубайдаи Сақфӣ кушта шуд. Салмони Форс, ки аз асрори дирафш огоҳ буд, соъати саъд фош гуфт. Пас кор ба дасти Алӣ Абутолиб расид ва саду як дарсад соъати саъд кашид дар парчами араб. Бо ҳамин гӯё нусрат ба тарафи араб гузашт. Он овон Дирафши ковиёнӣ ба Рустами Фаррухзод супурда буданд, ки сипоҳиёни Сосониро сарвар буд. Бо шикасти ӯ дирафш бо ҷавоҳироташ ба дасти муқобил афтод ва миёни араб қисмат гардид. Аз он замон ба баъд унвон ва шону шуҳрати Дирафши ковиёнӣ дар таърих чун мояи ифтихор барои мардуми мо ҳамчун рамзи давлатдории куҳан боқӣ мемонад.

Бад-ин тартиб, парчам бозгӯйи саргузашти ниёкону рангу матоъ ва рамзҳои он саҳифаҳои рангини таърихи миллат мебошанд. Ҳама даврон муҳаббати самимӣ ба Ватан дар аломату нишон ва рамзҳои қудсӣ намоён мегардад. Бе ин ҳама арҷгузорӣ ва садоқати ватандорон парчам аз як порча матои ранга бештар нахоҳад буд.

Барои қиёс гирем ифтихороти Низомиро аз парчам, ки маҳсули тафаккури як фарди ватандор аст:

**Ҳаво сурху зарду кабуду бунафш,**
**Зи тобидани ковиёнӣ дирафш.**

Навишта маҷмӯи вожаҳои зебо ва тафохури бемоя набувад. Ин ҷо ҳадаф ва манзури шахсе ниҳон аст, ки гузашта, имрӯз ваояндаи халқашро мепарастад. Ба ҳамзабону ҳаммиллатон дарду шодии хешро қисмат мекунад. Агар ба жарфнои ҳар суханаш мерасем, чӣ хубе, аммо ҳамин пора ба дасти мардуми дигар биафтад, чӣ аҳамияте хоҳад дошт? Сиёҳие дар сафедии коғаз.

Парчами давлатии Тоҷикистонро бо чашми дигар бояд дид. Дар он ормон, рамзи мубориза, ҷоннисории падарон, интихоби равиши дурусту солим ва ҷойгоҳи Ватанро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ, ҷовидонӣ ва устувории давлату миллат бояд тахсис кард. Ҳине ки Парчами давлатии Тоҷикистон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ пазируфта шуд, амали сариваҳтӣ ва муҳим буд. Ин гомҳои умедбахши давлатдорони соҳибирода ва мустақил ба шумор мерафт.

Аз даврони қадим халқи тоҷик бунёдгузори империяҳои бузург бо рамзу намоди худ буд. Дар ибтидои пайдоиш нахустдавлатҳоро аристократияи ҳарбӣ идора мекард. Онҳо бо далерӣ, шуҷоати шахсӣ дар ҳифзу идораи мамлакат нақши асосӣ мебозиданд.


**(Давомаш дар саҳ. 2)**


### Ба ифтихори 100-солагии адабиётшинос Соҳиб Табаров

## ҶОНБАХШИ СУХАН

**Адабиётшиноси маъруфи тоҷик, Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (дар соҳаи адабиёт), профессори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, устоди забардаст Соҳиб Табаров умри бобаракати хешро сарфи пажӯҳиш ва таълиму тадриси адабиёти муосири тоҷик намудааст. Ба ӯ муяссар гардид, ки мактаби илмию омӯзгории худро тавассути меҳнати содиқона ба халқу Ватани азизаш ба вуҷуд орад. Ин мактаб бо номи пурифтихори «Мактаби илмии мунаққидии Соҳиб Табаров» на танҳо дар кишвар, балки бурун аз он машҳур аст.**

Ба андешаи олими чех, академик Ян Рипка: «Соҳиб Табаров на танҳо адабиётшиноси тоҷик, балки адабиётшиноси оламиён аст».

Устод дар Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) 40 сол фаъолият кардааст. 28 сол роҳбарии кафедраи адабиёти советии тоҷики донишгоҳи мазкурро ба зимма дошт. Ба донишҷӯён аз мадхали адабиётшиносӣ, назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, матншиносӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва нақди адабӣ дарс гуфт.

Дастпарвари Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ба номи Садриддин Айнӣ) С. Табаров солҳои 1945 - 1948 чун аспиранти Институти таърих, забон ва адабиёти тоҷики филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС ба омӯзиш ва пажӯҳиш машғул шуда, соли 1949 дар мавзуи «Романи «Ғуломон» ҳамчун романи таърихӣ» таҳти роҳбарии шарқшиноси машҳури шуравӣ, академик Э. Е. Бертелс рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буд.

Олими ҷавон солҳои 1952-1958 ба ҳайси проректори УДТ ифои вазифа карда, илми адабиётшиносии тоҷикро бо мақолаҳои «Дақиқӣ», «Рӯдакӣ», «Абулқосим Фирдавсӣ», «Абуалӣ ибни Сино», «Носири Хусрав», «Умари Хайём», «Саъдӣ Шерозӣ» ва монанди инҳо ғановат бахшидааст.

Мақолаҳои марбут ба таърихи адабиёт ду афзалият доранд: нахуст, хонандагонро бо рӯзгор ва осори бунёдгузорони адабиёти классикии тоҷик ошно менамоянд, баъдан, диққати пажӯҳишгарони ҷавонро ба омӯзиш ва тадқиқи адабиёти ғании гузашта ҷалб месозанд.

Қаҳрамони матлаб соли 1953 чун олими сермаҳсул ва муҳаққиқи варзида ба узвияти вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) пазируфта шуда, ҳамзамон, узви шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) буд.

Солҳои 1954 -1965 ҳамчун раиси сексияи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ барои рушди қисмҳои асосии илми адабиётшиносӣ - назарияи адабиёт ва танқиди адабӣ хизматҳои мондагоре кардааст. Ба андешаи мо талошҳои арзандаи устод Соҳиб Табаров дар пешрафти илми адабиётшиносии тоҷик, бахусус танқиди адабӣ, заҳмати нақбканонро мемонад.

Боиси ифтихор ва арҷгузорӣ мебошад, ки аввалин падида – «Дастури таълимӣ доир ба назарияи танқиди адабӣ» (китоби 1, Душанбе, 1980), барои факултетҳои филологии донишгоҳҳои мамлакат, маҳз ба қалами ҳамин мунаққиди дақиқназар тааллуқ дорад.

Устод соли 1983 «Дастури таълимӣ доир ба назарияи танқиди адабӣ» (китоби 2)-ро ба табъ расонид, ки он ба низому тартиби таълими назарияи танқиди адабӣ чун дастури роҳнамо асоси бунёдӣ гузошт.

Рисолаҳои «Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик» (1948), «Дар бораи вазъият ва вазифаҳои танқиди адабӣ» (1952), «Садриддин Айнӣ - асосгузори адабиёти тоҷик» (1954), «Назм низом металабад» (1963), «Асарҳои сазовори даврон офарем» (1966), «Барномаи эстетикӣ, платформаи адабию бадеӣ ва инкишофи минбаъдаи танқиди адабии тоҷик», «Методи таҳлили асарҳои бадеӣ», «Ҳаёт, адабиёт, реализм» (маҷмӯаи мақолаҳо дар панҷ ҷилд) ба масъалаҳои мубрами назарияи танқиди адабӣ, анвои нақд, принсипу меъёрҳои баҳодиҳӣ ба асарҳои бадеӣ бахшида шуда, барои пажӯҳишгарон, хусусан муҳаққиқони ҷавон, чун дастури роҳнамо солҳои зиёд хизмати бедареғ менамоянд.

Ошноӣ бо мактабҳои танқиди адабии рус. В. Г. Белинский, Н. А. Добролюбов, А. И. Гертсен, Н. Г. Чернишевский ва дигарон имкон фароҳам оварданд, ки мунаққиди забардаст монографияи илмии «Асосҳои назариявии танқиди адабӣ» (соли 1999)-ро айёми шукӯҳи Истиқлолияти давлатӣ таълиф намояд. Муҳаққиқ бо ин асар дар такмили паҳлуҳои камомӯхтаи илми адабиётшиносии тоҷик, махсусан назарияи танқиди адабӣ, саҳми муносиб гузошт.

Мутахассисони соҳа тавассути ин рисола Соҳиб Табаровро бунёдгузори мактаби танқиди адабӣ, «Белинскийи тоҷик» муаррифӣ намудаанд, ки воқеӣ мебошад. Минҷумла, сармуҳаррири маҷаллаи «Адаб», номзади илмҳои филологӣ Ш. Шокирзода дар мақолааш «Белинскийи тоҷик» дар ин маврид чунин нигоштааст: «Нигорандаи ин сатрҳо ба андешаи онҳое мувофиқ аст, ки Соҳиб Шуҳратиевичро «Белинскийи тоҷик» медонанд, зеро ӯ дар адабиётшиносии муосири тоҷик анқариб ҳамон кореро карда тавонист, ки мунаққиди барҷаста В. Г. Белинский дар нимаи аввали асри XIX ҳамчун классики танқиди адабӣ барои адабиёти рус ба сомон расонид».

Пешаи танқиди адабӣ пешаи пурифтихорест, вале он барои устод Соҳиб Табаров мушкилоти зиёдеро эҷод кард. Аз ҷумла, даҳсолаҳо кӯшишҳои олим барои дифои диссертатсияи докторӣ дар мавзуъҳои «Пайрав Сулаймонӣ» (соли 1962), «Симои ҷовидонии Пешво дар адабиёти тоҷик» (соли 1970) дар шуроҳои диссертатсионӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, бенатиҷа монданд.

Ҳамин ҷонбозӣ ва ҳақталошиҳои олими машҳурро Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб дар шеъри «Кимёкаҳ» хеле муассир ба қалам дода:

**Аз хастагии хеш фаромӯш кардаӣ,**
**Байни саду ҳазор алавдастаи сухан.**

**Эй марди тундхӯ, ба як нимҷони хеш,**
**Ҷонбахш гаштаӣ ба тани хастаи сухан.**

Оре, устод барои дар сатҳи баланд офаридани асарҳои илмӣ-тадқиқотии ҷавобгӯ ба талаботи айём, чун муборизи майдони сухан ба «нимҷон будан»-и хеш нигоҳ накарда, то поёни умр «лаҷоми саманди танқиди адабӣ»-ро аз даст надод.

Мунаққиди воқеъгӯ, донишманди асил, адабиётшиноси сатҳи байналмилалӣ дар мақолаю тақризҳои хеш камбудӣ ва муваффақияти адибонро



возеҳу равшан баён карда, дар пешравии корҳои эҷодии адибони маъруф, чун М. Турсунзода, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, Ф. Ниёзӣ, Ф. Муҳаммадиев, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, А. Шукӯҳӣ, М. Наҷмиддинов, М. Хоҷаев, Гулрухсор, А. Самад, Ғ. Сафарзода, Ҳақназар Ғоиб, Ҳ. Файзулло, Ш. Ёдгорӣ ва дигарон саҳм гузоштааст.

Хизмати дигари ин олими камназир он аст, ки дар рушди илми адабиётшиносии тоҷик боз як саҳифаи тоза - адабиётшиносии муқоисавиро эҳё кард. Рисолаҳои «Ҳақиқати ҳаёт ва ҷустуҷӯҳои адабӣ» (дар II ҷилд), «Роҷеъ ба умумияти адабиётҳои миллӣ», «Баҳри илми бунёдгарона», «Мақоми Мирзо Турсунзода дар адабиётшиносии умумиҷаҳонии асри XX», «Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ» ҳадафҳои ин саҳифаи тозаи адабиётшиносӣ мебошанд.

Истиқлоли давлатӣ ба устод Соҳиб Табаров шароити мусоид фароҳам овард, то саҳифаҳои норавшани зиндагии симоҳои машҳури адабиёти ҷадидияи оғози садаи XX - Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Абдурауфи Фитрат, Саъдулло Рабиӣ, Алӣ Хуш, Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Назрулло Бектош ва чанде дигаронро бо мақолаю рисолаҳои илмӣ рӯшан намояд.

Банда дар айёми донишҷӯӣ хондани мақолаю тақризҳои адабиро дӯст медоштам. Яке аз хонандагони доимии мақолаҳои устод Соҳиб Табаров будам. Хушбахтам, ки андешаҳоямро дар бораи фаъолияти адабиётшиносии Соҳиб Табаров ҳанӯз солҳои 80-уми садаи XX бо мақолаи «Чанд мулоҳиза» дар рӯзномаи «Зафар»-и ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) чоп карда будам. Ҳамин мақола маро бо мунаққиди сахтгир ва серталаб устод Соҳиб Табаров ошно намуд.

Боре тариқи рӯзнома хабаре бо унвони «Соҳиб Табаров профессор шуд»-ро хонда, хеле мутаассир шудам. Ба худ гуфтам: «Офтобро ба доман пӯшонида намешавад».

Устод Соҳиб Табаров зиёда аз 90 сол умр дид. Ҷои шукргузорист, ки дар асоси «Ҷадвали баргузории ҷашну солгард, фестивалу намоиш, иду озмунҳои фарҳангию маърифатӣ ва анъанаҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024», ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ гардидааст, соли равон дар Тоҷикистон 100-солагии адабиётшиноси маъруфи тоҷик Соҳиб Табаров ҷашн гирифта мешавад. Кори хайре хоҳад буд, агар дар баробари ин ташаббус кӯча ва ё муассисаи таълимие ба номи мунаққиди барҷастаи адабиёти тоҷик Соҳиб Табаров гузошта шавад.


**Пиралӣ ҚУРБОНОВ,**
**муовини директори МТМУ № 40-и ноҳияи Муъминобод, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ВА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**Дар соли 1991 ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ яке аз пирӯзиҳои таърихии миллӣ гардид ва орзуи чандинасраи мардуми Тоҷикистонро ба воқеият табдил дод. Истиқлол барои мардуми тоҷик имкониятҳои навро барои рушд ва шукуфоӣ фароҳам овард ва имкон дод, ки таҳкими давлатдорӣ ва фароҳам овардани шароит барои дигаргунсозии иҷтимоию иқтисодӣ шурӯъ шавад.**

Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ роҳи душвору пурмашаққатеро бо мушкилоти ҷанги шаҳрвандӣ паси сар карда, сулҳу ризоиятро дар ҷомеа барқарор намуд. Ин таҷриба, ки бешубҳа, ба хирад ва матонати бевоситаи Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мансуб аст, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ намунаи беназир гардид.

Омилҳои асосии муваффақият дар расидан ба Истиқлоли давлатӣ муттаҳид кардани қувваҳои солими ҷомеа буданд, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд қувваҳои гуногуни сиёсӣ, созмонҳои фарҳангӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятиро дар атрофи идеяи сулҳ ва ризоият ба ҳам биоранд.

Сулҳи тоҷикон намунаи беназири ба даст овардани сулҳ дар ҷаҳон гардид, ки имрӯз ҳамчун дастур дар ҳалли низоъҳо дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон истифода мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Истиқлоли давлатиро **«арзишмандтарин дастоварди миллати фарҳангсолор ва куҳанбунёди тоҷик дар замони муосир»** номидаанд.

Дар ҳақиқат, дастёбӣ ба ин неъмати волотарин, ки барои ҳар як халқу миллат азизу муътабар аст, як сарчашмаи бебаҳоест, ки тамоми равандҳои дигари ҳаёти давлату миллатҳоро муайян месозад. Аз ҷумла, миллати тоҷик ба шарофати ин дастовард дар зарфи 33 соли истиқлол таҳти сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат ба комёбиҳои назаррас ноил гардид, ки мардуми шарафманди тоҷик дар таърихи худ ин гуна пешравию дастовардҳоро дар ёд надорад. Соҳибистиқлолӣ ба Тоҷикистон имкон дод, ки сиёсати иқтисодии миллиро мустақилона муайян намояд ва бо назардошти манфиатҳои миллӣ ривоҷу равнақ ёбад.

Агар мо аз давраи ба даст овардани истиқлол то имрӯз назар афканем, пас онро метавонем ба давраҳои куллан тағйирёбии шароитҳои иқтисодӣ ҷудо намоем. Аз ҷумла, аз соли 1991 то 1997 иқтисоди Тоҷикистон оқибатҳои харобиовари пошхӯрии ИҶШС ва ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид. Қатъи робитаҳои иқтисодӣ бо ҷумҳуриҳои собиқ боиси аз байн рафтани бисёр корхонаҳо, норасоии молҳо ва хидматҳо, инчунин, коҳиши шадиди ММД гардид. Кулли инфрасохтор вайрон ва сатҳи бекорию камбизоатиро зиёд намуд. Дар натиҷа, кишвар бо буҳрони амиқи иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд, ки бо гиперинфлятсия, норасоии буҷет ва имконнопазирии маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ оварда расонд. Гарчанде давраи 1991-1997 барои Тоҷикистон замони харобӣ ва озмоишҳои вазнин буд, лекин маҳз дар ҳамин давра барои ислоҳоти оянда ва барқарорсозии иқтисодиёт заминаи воқеӣ гузошта шуд.

Давраи аз соли 1997 то 2000 бо оғози муътадилшавии иқтисодиёти Тоҷикистон пас аз ҷанги харобиовари шаҳрвандӣ хос аст. Маҳз Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар соли 1997 барои барқарорсозӣ ва рушди иқтисодиёт шароит фароҳам овард. Қадамҳои калидӣ дар роҳи муътадилсозӣ: анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ, оғози либерализатсияи нархҳо, хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, мустаҳкам кардани асъори миллӣ ва рушди бахши молиявӣ буданд. Ин чораҳо имкон доданд, ки пеши роҳи гиперинфлятсия гирифта шавад, мунтазамии иқтисодӣ муътадил гардад.

Дар ин давра иқтисодиёти Тоҷикистон ҳанӯз заиф ва осебпазир буд, аммо нишонаҳои барқароршавӣ аллакай зоҳир гардиданд, ки баояндаи шукуфон умеди нав бахшид. Бо вуҷуди он ки сатҳи зиндагии аҳолӣ паст боқӣ монд ва кишвар ҳанӯз аз оқибатҳои ҷанг ранҷ мекашид, дар солҳои 1997-2000 барои рушди иқтисодӣ заминаи устувор гузошта шуд.

Давраи аз соли 2000 то 2008 ҳамчун давраи рушди устувори иқтисодӣ дар Тоҷикистон муаррифӣ гардид. Кишвар ба инкишофи мусбати рушд ноил шуд, ки дар ин давра, пеш аз ҳама, бо дигаргунсозиҳои сохторӣ иҷрои барномаҳои ислоҳотӣ, афзоиши устувори ММД, ҷалби маблағҳо, сармоягузориҳои хориҷӣ, рушди инфрасохтор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ муаррифӣ мегардад. Дар ин давра омилҳои асосии рушд инҳоянд: суботи сиёсӣ пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ, афзоиши сармоягузорӣ ба саноати кӯҳӣ ва энергетика, инчунин, ҷалби сармоя аз дигар кишварҳо. Ин маблағгузорию сармоягузориҳо имкон доданд, ки иқтидорҳои истеҳсолӣ таҷдид ва навсозӣ карда шаванд, инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ рушд ва ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд.



Тоҷикистон бо гузаронидани як қатор дигаргунсозиҳои сохторӣ ва ислоҳотҳои иқтисодӣ дар сатҳи зиндагии аҳолӣ тағйироти куллии мусбатро эҳсос кард. Нововбаста аз набудани диверсификатсияи иқтисодиёт давраи солҳои 2002-2008 барои Тоҷикистон давраи гузаронидани ислоҳотҳои куллӣ ва пешрафти назаррасӣ иқтисодӣ муаррифӣ мегардад.

Соли 2009 Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳои ҷаҳон, ба буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ шуд. Коҳиши нархи алюминий, молҳои асосии содиротии кишвар ва коҳиши интиқоли пул аз хориҷи кишвар, боиси коҳиши шадиди ММД (ба 3,5%) гардид. Сармоягузорӣ ва даромади буҷет коҳиш ёфт ва сатҳи камбизоатӣ боло рафт. Ба ин мушкилот нигоҳ накарда, Ҳукумати Тоҷикистон барои рафъи буҳрони молиявӣ як қатор тадбирҳои зарурӣ андешид, аз ҷумла ҳавасмандгардонии талаботи дохилӣ, дастгирии тиҷорати хурду миёна ва ҷалби сармояи хориҷӣ. Аллакай дар соли 2011 иқтисоди кишвар бо нишон додани афзоиши устувори ММД ба барқароршавӣ оғоз намуд. То соли 2017 Тоҷикистон ба рушди устувори иқтисодӣ ноил шуда, дар бисёр бахшҳо рушди устуворро нишон дод.

Давраи баъди соли 2018 дар иқтисоди Тоҷикистон бо талош барои рушди устувор дар пасманзари рафъи оқибатҳои буҳрони ҷаҳонии молиявии соли 2008 ва мушкилоти COVID-19 муаррифӣ мегардад. Самтҳои асосии рушд дар ин давра таҳкими низоми молиявӣ, рушди инфрасохтор ва саноат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ буданд. Сармоягузорӣ ба соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва тиҷорати хурд дар ноил шудан ба рушди устувор нақши муҳим мебозад.

Яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ афзоиши даромади воқеии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки аз соли 2000 то имрӯз рушди иқтисодиёт боло рафта, мутаносибан даромади аҳолӣ низ афзудааст. Аз соли 2000 инҷониб, сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 81% то 22% дар соли 2022 ба таври назаррас коҳиш ёфт.

Маҳз тавассути иродаи қавии роҳбарияти давлат, хусусан сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар, Пешвои миллат буд, ки як қатор ислоҳоти иқтисодӣ дар як муддати кӯтоҳ амалӣ гардид.

Илова ба афзоиши ММД, даромади аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ Тоҷикистон дар ҷалби сармояи хориҷӣ низ муваффақиятҳои зиёд ба даст овардааст. Дар ду даҳсолаи охир ҳаҷми умумии сармоягузорӣ беш аз 10 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод.

Дар солҳои 2007-2022 ҳудуди 70 кишвари ҷаҳон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ намуданд. Дар тӯли 33 соли Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон роҳи душворро босубот ва рушди устувор тай намуд. Тавассути ба даст овардани истиқлол кишвар соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчаму Нишони давлатӣ, Суруди Миллӣ гардид ва дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати мустақил шинохта шуд.

Маҳз ба шарофати сиёсати оқилонаи Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмии мардум таъмин гардид. Тоҷикистон бо бунёди давлати миллӣ, ки бо принсипҳои демократӣ, давлати ҳуқуқӣ, ҷомеаи дунявӣ ва рушди иҷтимоӣ асос ёфтааст, барои ҷаҳон намунаи беназир гардид.

Дар ин давра ҳадафҳои стратегии миллӣ муайян шуда, ҳалли вазифаҳои асосӣ оғоз ёфтанд. Тоҷикистон яке аз пешсафони таъсиси самти инфрасохторӣ, сохтмони шабакаи роҳҳо дар байни ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ гардид.

Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба масъалаҳои захираҳои об диққати махсус доданд, ки он дар эълон гардидани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои ҳаёт» ва солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор» инъикос ёфтааст. Саҳми Тоҷикистон дар расидан ба сулҳу амният дар Афғонистон, аз ҷумла бунёди пулҳо дар болои дарёи Панҷ, низ намунаи сиёсати муваффақи хориҷии давлати мо мебошад. Ин ташаббусҳо эътибори Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштанд.

Имрӯз иқтисоди Тоҷикистон рушди мунтазам ва босубот дорад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ дар нимсолаи аввали соли 2024 рушди иқтисодӣ ба 8,3 фоиз расид. Соҳаҳои асосӣ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ ва савдо, тамоили мусбатро нишон медиҳанд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки ояндаи Тоҷикистон рушди инноватсионӣ ва рақамисозии иқтисодиёт мебошад. Дар доираи «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030» корҳо оид ба ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои мухталиф амалӣ карда мешаванд. Ин ба густариши равандҳои тиҷорат, баланд бардоштани шуғли пурмаҳсул, самаранокӣ, ҳосилнокии меҳнат ва фароҳам овардани имкониятҳои нав мусоидат мекунад.

Барои иқтисодиёти Тоҷикистон зарур аст, ки боз ҳам фазои мусоиди сармоягузорӣ, рушди сармояи инсонӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва технологияҳои муосир ва ҳамкории муассир бо шариконӣ байналмилалиро ривоҷ диҳем. Муваффақият дар ин самтҳо имкон медиҳад, ки вобастагии худро аз шумораи маҳдуди молҳои содиротӣ коҳиш дода, ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳем, сатҳи зиндагии аҳолиро баланд бардорем.

Ҳоло Тоҷикистон дар назди чолишҳои нав қарор дорад, ки аз мо талошҳоро барои ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва рушди сармояи инсонӣ талаб мекунанд. Асоси ин талошҳоро сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илм ва технология, инчунин, фароҳам овардани шароит барои рушди тиҷорати хурду миёна омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ташкил мекунад.

Дар маҷмӯъ, бо боварӣ метавон гуфт, ки имрӯз Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои зикршуда дорои тамоми имконияту захираҳои зарурӣ, бунёди ояндаи шукуфон ва рушди устувор мебошад.

**Файзулло ХОЛБОБОЕВ,**
**номзади илми иқтисод, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ**

# РАМЗИ ШАҲОМАТУ ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Парчам дар таърихи давлатдории мо ҳанӯз аз давронӣ хеле қадим яке аз рамзҳои асосӣ ба шумор рафта, ниёгони мо дар саромади ин тамаддун қарор доштаанд. Чунончӣ, олим ва мутафаккири тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон, устод Назри Яздонӣ дар китоби ниҳоят арзишманди хеш «Ҳикмати озодагон» бар асоси нақли «Шоҳнома»-и бегазанди Фирдавсии Тӯсӣ парчами аҷдоди мо - Дирафши ковиёниро яке аз ҳуҷҷатҳои дақиқу бешакку шубҳаи саҳми тоҷикон дар тамаддуни сиёсии умумиинсонӣ, рамзи истиқлолияти давлат, шаҳомату ҷалоли миллат, рамзи ваҳдатсозӣ, майдондорӣ дар арсаи ҷангу ободкорӣ ба қалам дода, таъкид мекунад, ки нишонаҳои дақиқи ин ифтихороти бостонӣ дар ҳамаи парчамҳои давлатҳои соҳибистиқлол имрӯз ҳам устувору ҷовидонист: 1) найза, байрақи ҳар давлате дар сари чӯбе ё маводи дигаре пайваста мешавад, ки ҳатман рамзи ҳамон найзаи Кова аст; 2) дар сари ҳар байрақе ҳатман нишоне ҳаст, ки бар ҳар гунае бошад, ишора ба пайкони найза дорад; 3) матои байрақ ба ҳар рангу навъе, ки бошад, ишора ба пешдомани чармини Кова аст, ки ба қасди қиём бар зидди зулму бедод ва адолатхоҳӣ афрохта шудааст. Минбаъд ҳамчун рамзи пирӯзӣ, расидан ба истиқлолу озодии мутлақ ҳамеша бардошта аст, ҳамеша таҳти нигаҳбонии махсус ва ифтихорбарангез қарор дорад.

Дар идома фишурдаи саргузашти Ковау Заҳҳок ва пирӯзии Фаридун оварда шуда, аз ҷумла таъкид мешавад, ки Дирафши ковиёнӣ такони ҳалкунанда бар он шуд, ки Фаридун ба он шаҳомату маъниҳои шоҳона афзуда, гирди он халқро ҷамъ кард ва Заҳҳокро шикаст дод. Яъне, Фаридун парчами Коваро ҳамчун рамзи қиёму ваҳдат пазируфт, ба он маъниҳои амиқи шоҳонаю сиёсӣ афзуд: аз матои беҳтарин, ки дар он замон матои румӣ будааст, бар сари найза байрақ дуруст кард, онро бо рангҳои сурху зарду бунафш ороиш дод, дар мобайни парчам тасвири нишони ориёниро (тасвире ба шакли гули дувоздаҳбарга – ишора ба дувоздаҳ бурҷи кайҳон, дар мобайни гул доирае гардон ба маънии ҷовидонагӣ ва дар ҳаракати ҷовидона будани кайҳон), дар чор гӯшаи парчам чор тасвире ба маънии чор шамшери ба чор сӯи сарҳади давлат омодаи дифоъро ҷой дод. Ба он парчам баъди зафарҳои муҳим ва ба муносибати ба тахт нишастани шоҳи навбатӣ дурру гавҳарҳои қиматбаҳо дӯхта мешуд. Ин сангҳои қиматбаҳо вазифаи ҷангӣ ҳам доштанд, яъне дар набардҳо дар торикии шаб лашкарро раҳнамоӣ, даъват ва муттаҳид мекарданд.

Ҳамин тавр, мутафаккири тоҷик ин арзиши умумибашариро аз Фаридун (1634 -1564 т.м.) мерос дониста, дар маданияти сиёсию ҳуқуқии башар ба монанди Эъломияи Куруши Кабир (559-530) саҳми тамаддуни тоҷикон меҳисобад.





Аз рӯйи сарчашмаҳои таърихӣ, Дирафши ковиёнӣ аз давраи Фаридун то суқути сулолаи Сосониён маҳфуз буда, зимни ҳуҷуми арабҳо аз байн рафтааст.

Маҳз, поси хотири ҳамин хотираи таърихӣ, ҳамин мероси фарҳанги давлатдорию парчамафрозиҳост, ки дар партави сиёсати фарҳангӣ, эҳёсозии хотираи таърихии миллат, ташаббусҳои ҳувиятсозу мактаби давлатдории Сарвари хирадоину меросбари руҳи соҳибдавлатии аҷдодони тамаддунофар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 зимни қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 28.06.2006, №192) тарҳу фалсафаи Дирафши ковиёнӣ дар Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҷассам шуд.

Мутобиқи моддаи 2-юми қонуни мазкур, дар маркази ливо ҳамчун рамзи пойдорӣ ва бардавомии давлатдории миллӣ тасвири «Дирафши Ковиён» пешбинӣ шудааст. Дар қисми болоии он найза ҳамчун рамзи ирода ва қудрати ҳифзи Ватан тасвир ёфта, қисмати чаҳоргонаи дирафш чаҳор қисмати гетӣ буда, рамзи равобити некӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳо ва халқҳои ҷаҳон аст. Дар дохили дирафш чаҳор шохаи марғула дар даври Хуршед ҳамчун рамзи ҳамеша дар ҳаракат будани вақту замон, гардиши Замин ва дигар аносири коинот дар атрофи Хуршед инъикос ёфта, баёнгари бахт, ваҳдат, саодат ва пешрафти кишвар мебошад. Дар маркази дирафш шери болдор ҳамчун рамзи қудрат, нерумандӣ ва шукӯҳи давлат дар рӯйи осмони кабуд ва болои тасвири шери болдор тоҷ ва ҳафт ситора ҳамчун асоси Нишони давлатии кишвар инъикос ёфтаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва аҳамияти рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла Парчами давлатиро ба назар гирифта, мақоми онро дар Конститутсия муайян намудааст, ки аз анъанаи солҳои гузашта дарак медиҳад. Моддаи 3 Конститутсияи соли 1994 дар низоми рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчами давлатиро низ муқаррар намуд.

Тарҳи кунунии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон каме муқаддамтар - дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида буд. 24 ноябри соли 1992 дар рафти кори иҷлосия ба Конститутсияи амалкунанда тағйирот дароварда шуда, Низомномаи Парчами давлатӣ тасдиқ гардид. Таҳкими минбаъдаи мақоми Парчами давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2007 сурат гирифтааст. Дар дебочаи қонун омадааст, ки эҳтироми волои Парчами давлатӣ ифтихори миллии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қонуни мазкур тарзи барафрохтан ва ҷойгиркунии тасвири Парчами давлатиро дар моддаи 5 ба таври муфассал муқаррар карда, таъмини риояи ин муқаррарот ба зиммаи роҳбарони мақомоти давлатии кишвар вогузор шудааст.

Мувофиқан, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани тартиби барафрохтани Парчами давлатӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст. Моддаи 483[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми набудани аломати ҷиноят ҷавобгарии маъмуриро муқаррар намудааст, ки ҳадди ҷазои он барои шахсони воқеӣ ҷарима ба андозаи аз ду то панҷ, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз бист то сӣ нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

Шахсони воқеӣ барои таҳқири рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Парчами давлатӣ, мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҷавобгариро барои таҳқири Парчами давлатӣ моддаи 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳқири рамзҳои давлатӣ) муқаррар намудааст, ки ҳадди ҷазои он ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то як солро ташкил медиҳад.

Азбаски Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳими истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин, ифодакунандаи мақсаду маром ва орзую ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад, моҳи ноябри соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории хеш доир ба муқаррар намудани Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни дахлдорро ба Маҷлиси Олии кишвар пешниҳод намуд. Тавассути ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 19 ноябри соли 2009 ҳар сол рӯзи 24 ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми қаламрави кишвар бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешавад.

Парчами давлатии мо, воқеан, ҳамчун рукни муҳими давлатдории миллӣ, рамзи истиқлолу озодӣ, унсури муҳими иттиҳоду сарҷамъии мардум ва манбаи илҳоми наслҳо хидмат намуда, партавафшонии мутантани он аз фарози манораи 165-метрии пойтахти кишвар, аз минбарҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ, мусобиқоти варзишии сатҳҳои гуногун ва ҳамзамон, дар марказҳои вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва шаҳракҳои ҷумҳурӣ кафолати осоишу суботи меҳан, рӯзгори рангину босаодати мардум ва таҳрикдиҳандаи ҳар фарди ватандӯст баҳри ободию шукуфоии рӯзафзуни Ватани азизу маҳбуб мебошад.

Ба қавли Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло, рангҳои сурху сафеду сабзи Парчами давлатӣ рангҳои ишқу умеду шукуфоиянд, рангҳои нишоту некию ҳимматанд, он рангҳои дурахшони зиндагиянд, ки аз онҳо мешавад ҳама рангҳои дигарро бунёд ниҳод. Парчами мо нишонаи муҳаббати мо ба башар, ба инсоният аст, ишора ва даъватест ба осоиштагӣ ва амонии тамоми сайёра. Парчами мо нишони руҳи бешикаст ва иродаи мустаҳками миллати мост, ки аз асрҳо, обу оташи маргбори замонаҳо, овардҳои хунини замонаҳо гузаштаю пойдор мондааст:

*Эй, танида аз матои сад*
*ҳазорон ҷисму ҷон!*
*Эй, фурӯғи ишқу хуну*
*ҳикмати озодагон!*
*Бо ҳазоронсола таърих аз*
*пасат саф мекашем!*
*Мо туро чун ганҷи ҷони хеш*
*дар каф мекашем!*

Дар ҳамовозӣ бо ин таровишҳои қалби пуртуғёни шоири ватансаро таманнои онро мекунем, ки Парчами давлатии Тоҷикистони азиз ҳамчун рамзи бақои миллат, якпорчагии давлат, ваҳдату ҳамдилӣ, нангу номуси ватандорӣ ва муҳаббату садоқат ба Ватани аҷдодӣ то абад партавафшон ва роҳнамои наслҳои миллати сарафрозу соҳибтамаддун ба сӯйи қуллаҳои мақсуд бошад!

# АЗ ЗУҲУРИ РОДОН ТО ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар майдонҳои ҷанг бо тавонмандӣ ва корномаҳо бо рамзҳои хоса падидор меомаданд. Дар баробари эшон номвароне буданд, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ омодаи пайкор шарафу шони халқу кишварро дифоъ мекарданд.

Вижагиҳои он даврон дар набудани лашкари ҳирфаӣ ва зуҳури родон ва паҳлавонон дониста мешавад. Род ба маънии ҷавонмард, доно, бахшанда аз вожаи паҳлавии рат (rat) – наҷиб, озода. Ба қавли Асадӣ:

**Чу хоҳӣ, ки шодӣ кунӣ, род бош,**
**Ба ҳар кор бо донишу дод бош.**

Дар шинохти ҳаким Фирдавсӣ:

**Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,**
**Далеру бузургу ҷавонмарду род.**

Онҳое, ки дар корзор пирӯз мешуданд, мавриди парастиш қарор мегирифтанд. Номашон аз даҳон ба даҳон ва ба василаи таърихномаҳо аз даврон ба даврон мегузашт. Ҳар кадоме дар бастагӣ бо шуҷоат ва боварашон соҳиби тотеми худ буданд, ки дар парчами хосаашон тасвир мешуд.

Асари ҳамин анъана ба Аврупо низ расида, ки ритсарҳои аврупоӣ дар хулқу хислат ҳамон родон ва ҷавонмардони Шарқанд.

Дар таърихи миллати мо зуҳури онон ба давраи Пешдодиён ва Каёниён рост меояд. Чуноне дар дирафши Рустам тасвири аждаҳои зарринсар буду Афросиёбро парчам сиёҳ. Чуноне Зол ба Рустам аз Афросиёб ҳушдор медиҳад:

**Дирафшаш сиёҳ асту хафтон сиёҳ,**
**Зи оҳан-ш соид, в-аз оҳан кулоҳ.**

Ин ҳама аз эътиқоди ибтидоӣ сарчашма мегирифт, ки бо ҷонваре тавъам ё ҳомии худ ва авлод мепиндоштанд ва ҳам муаррифгари паҳлавон буд дар пайкоргоҳ. Чуноне дар достони «Суҳроб» Ҳаким Фирдавсӣ ба василаи қаҳрамонаш мутаваҷҷеҳи дирафшҳои родон мегардад. Суҳроб аз Ҳаҷир дар ишора ба хаймаҳо ва дирафшҳои паҳлавонон Рустамро ҷӯё мешавад. Мепурсад, ки кист?:

**Зада пеши ӯ пилпайкар дирафш,**
**Ба наздаш саворони зарринакафш.**

Ҳаҷир посухаш медиҳад, ки ӯ Тӯси Нузар аст. Ва Суҳроб боз суол мекунад, ки дар дирафши бунафш пайкари шер тасвиршуда кист? Посух мешунавад, ки Гударзи Кашводагон аст. Ва ба пилтане ишора мекунад, ки пеши пардасарояш Ахтари Ковиён ҷилва мекунад:

***Дирафшаш бубин аждаҳопайкар аст,***
***Бар он найза – бар шери зарринсар аст.***

Аз Рустам будани пилтан Ҳаҷир қоил намешавад. Аз дигаронро мегӯяд, аммо аз ифшои ному шахсияти Рустам худдорӣ мекунад. Чуноне дирафше бо сурати гург – Гев, фарзанди Гударз, паҳлавоне, ки бо дирафши сафед ва шеди тобанда фарзанди шоҳ – Фарибурз аст ва бо тасвири гуроз – паҳлавон Гуроз. Вуҷуд ва қудсиёт дар дирафшҳои фардӣ риоя мешуд. Дар сурати мағлуб гардидани паҳлавон дирафшаш нагун карда мешуд ва ин хосият ба давлатдорони қадим низ амалӣ мегардид.

Чуноне гуфта шуд, дирафши родон хосият ва аҳамияти маҳдуд дорад дар қиёс бо ливои давлатҳо ва империяҳо. Дирафши ковиёнӣ афзалияти бартаре дорад, ки нишонаи муборизаи неруҳои некӣ бар бадӣ, равшанӣ бар зулмот будааст. Дирафши родон ҷойгоҳ ва эътибори вижа дошт. Қосидон аз наздик шудани паҳлавонон хабар медоданд. Дар масофаи чашмрас вобаста ба ҷойгоҳаш ба иззаташ мекӯшиданд:

**Ки Дастон ба наздики Эрон расид,**
**Дирафши ҳумоюн-ш омад падид.**
**Пазира шудандаш сарони сипоҳ,**
**Саре к-ӯ кашад паҳлавонӣ кулоҳ.**
**Чу дастони Сом андаромад ба танг,**
**Пиёда шудандаш ҳама бедиранг.**

Роҳи дарки моҳияти дирафш ва ба ифтихороти ватандорӣ расидан хеле тӯлонӣ буд. Намунаҳои ибтидоӣ бо сохт ва идороти давлатчаҳои нахустин рост меомад. Бе тағйироти сифатӣ дар иҷтимоъ шакл гирифтани муқаддасот номумкин буд. Бо пайдоиши империяҳои локалӣ (маҳдуд, ҳамхунон) парчамҳои нахустин ба вуҷуд омаданд, ки бо асотир дар пайвандӣ буданд, ҳатто дар Юнону Рум низ.

Парчамҳои нахустин муайянкунандаи тавонмандии ақвоми ҳамхунро доштанд, ки аз тасаввуру боварҳо берун метаровид. Метавонист аз он намуна як қавм ё халқ ифтихор дошта бошад, ки бо асотир, дин ва анъанаҳояш дар пайвандӣ буд. Бо пайдоиши империяҳое, ки миллатҳои гуногунро дар бар мегирифт, муносибат ба нишону парчам тағйир меёфт. Он ифодагари манфиатҳои сокинони мамлакат мегардид. Чуноне дар замони Ҳахоманишиҳо ба мушоҳида мерасад.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар ҷашни Баҳор (Октава) Куруш мардуми империяро даъват кард ва тантанаҳо, пазироии ӯ зери дирафши дурахшон сурат гирифт. Он рӯз ҳамоиши ҳарбӣ низ баргузор гардид. Дар асрҳои миёна нишону (гералдика) байрақҳо хоси князҳо ва ҳокимони хурд низ будаанд.

Ба фикри банда дар Хуросону Варорӯд низ сарзаминҳо ва волиёни алоҳида ҳам дирафш доштанд, аммо ислом ба анъана зарба зад ва ё намунаҳои ҳамон даврон то имрӯз нарасидааст. Чуноне, рамзи шер дар тасвирҳои Ҳулбук фаровонанд ва ҳокимонаш лақаби «Шерони Хатлон»-ро доштанд, аммо дар бораи парчами он, ки шояд буд, маълумот надорем.

**Ҷ. АСРОРИЁН,**
**мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ**



# АРЗИШИ БЕБАҲОИ МИЛЛӢ

**Боиси хушнудӣ ва сарфарозии миллати тоҷик аст, ки имсол Рӯзи Парчами давлатиро дар соли барои мардуми Тоҷикистон воқеан таърихӣ – 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мекунем.**

Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии кишвар, ки дар он тақдири давлатдории навини тоҷикон тарҳрезӣ гардидаю заминаи мустаҳкам дар роҳи таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ гузошта шуд, қабул гардидааст.

Вобаста ба ин 20-уми ноябри соли 2009 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйирот ворид карда шуд ва 24-уми ноябр – Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид.

Парчами давлатӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ баробари дар маркази пойтахти мамлакат қомат афрохтан, ҳамчунин, дар ҳазорҳо иншооти муҳими истеҳсолию иҷтимоии бунёдгардида, ки самараи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Пешвои миллат мебошанд ва ба рушди устувори иқтисоди миллӣ, таҳкими иқтидори давлат, ободу зебо гардидани Ватани маҳбубамон мусоидат намудаанд, афрохта шудааст. Ғайр аз ин, Парчами давлатӣ имрӯз чун рамзи давлатдории тоҷикон дар бинои тамоми идораҳои давлатию маъмурӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, иншооти варзишӣ, ҳуҷраҳои корӣ ва хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон насб гардида, ба мардуми кишвар сарсабзиву ободӣ, зиндагии босаодат ва руҳу илҳом мебахшад.

Мардуми тоҷик аз даврони қадим чун халқи бонангу номус ва дорои иродаи комил парчами худро доштаю бо ҳисси баланди меҳанпарастӣ ва озодихоҳӣ онро ба даст гирифта, ҷоннисориҳо кардаанд. Ин парчам ба мо на фақат шукӯҳу сарбаландӣ мебахшад, балки эҳсоси ватандориро бедор ва поянда медорад, муҳаббати Ватанро дар вуҷудамон фурӯзон месозад. Дар парчам шараф, нангу номус ва ҷавонмардиҳои миллати покизасиришти мо ҷилвагар аст ва бо ин ҷилваҳои зебо, бо зуҳури муборак ва вуҷуди бегазанди худ моро огаҳӣ медиҳад, ки барои дифои Ватанамон ҳар нафас бо тамоми вуҷуд омода бошем.

Парчами давлатии мо на аз ҷиҳати бузургӣ, балки интихоби пурмазмуну файласуфонаи рангҳои он - сурх, сафед ва сабз низ ифодакунандаи орзую ормонҳои тоҷикон мебошад. Нақши тоҷ ва ҳафт ситора дар меҳвари он миллати аз қадим соҳибдавлат ва тоҷдор будани моро нишон медиҳад. Парчам дар давлатсозию давлатдорӣ мавқеи асосӣ дорад. Дар он, пеш аз ҳама, соҳибихтиёрии давлат, сулҳу субот ва дигар аломатҳо инъикос шудааст. Аз замони қадим дар ҷангу набардҳо парчамдорон пеши лашкар буданд. Ба дасти душман гузаштани парчам нишонаи мағлуб шудани он давлатро дошт. Ин аст, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатҳоро бо парчамашон мешиносанд.

Ҳамзамон, ин рамзи давлатӣ шаҳрвандонро ба сулҳу субот, зиндагии ором ва кӯшиш барои ҳаёти арзанда, рушди ҳамаҷониба ва соҳибихтиёрӣ сафарбар менамояд.

Дар парчам нишонаҳои муҳиму арзишманди фарҳанги ҳар як халқу миллат, роҳи таърихии тайкардаи он ва дигар аломатҳои ифодакунандаи давлату миллат инъикос меёбад. Дар Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рангҳои сурх, сафед ва сабз талошу мубориза ва саъю кӯшиши миллати тоҷикро барои озодиву истиқлол, худшиносию меҳанпарастӣ ва ихтиёр намудани зиндагии орому осоишта, арзандаю поянда ва осуда ифода менамояд. Парчами мо рамзи бахту саодат, сарсабзию хуррамӣ ва сарбаландии миллату давлати тоҷик мебошад. Ҳамчунин, мақсаду ҳадафҳои созандаи ин миллати тамаддунофарро дар баландтарин минбарҳои созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ҷилвагар менамояд. Бинобар ин, эҳтироми рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадории ҳар як шаҳрванд мебошад. Бояд ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон муҳаббати парчамеро, ки инъикосгари ояндаи дурахшони мо мебошад, дар дили худ парварад ва ба ҳеҷ ваҷҳ нисбаташ беэҳтиромӣ накунад.

Парчами давлатии Тоҷикистони азизи мо, ифтихор, нанг ва шарафи ҳар нафар сокини кишвар буда, симои миллӣ ва сиёсии онро дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷассум мекунад.

Биноан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: «Мо вазифадорем, ки Парчами миллии худро ҳифз намоем, эҳтироми онро ҳамчун нишонаи давлатдории миллӣ, Истиқлолу озодӣ ва арзиши бебаҳои миллӣ ба ҷо оварем».

Мусаллам аст, ки дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути парчами давлатии худ муаррифӣ мегардад. Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба парчами давлатӣ маънои эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои деринаи таърихӣ, фарҳангию маънавии миллӣ, гузашта аз ин, эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ мебошад, зеро он дар баробари Конститутсия, Нишони давлатӣ ва Суруди Миллӣ аз ҷумлаи муқаддасоти миллию давлатӣ маҳсуб меёбад.

**К. СОЛИҲОВ,**
**ёрдамчии прокурори ҳарбии гарнизони Душанбе**

Давлат САФАР,
Шоири халқии Тоҷикистон

# АФРОХТА МО ДИРАФШ БАР БОМИ ФАЛАК

*Дар хотира мазмуни баланд аст ливо,*
*Бар гӯши дилам ҳикмату панд аст ливо.*
*Чун боли хаёл пар кушояд рангин,*
*Аз ранги хаёли дилписанд аст ливо.*

*Тоҷаш ба мисоли шуълабарги фонус,*
*Ин тоҷи сари баланди нангу номус.*
*Дар вожаи парчам аст сад нукта ниҳон,*
*Сад маънии бинҳуфта ба ҷилди қомус.*

*Дар ранги сафедаш, ки бувад бахти сафед,*
*Рамз аст ба сабзиаш баҳори уммед.*
*Рӯсурхии мо бувад ба ранги сурхаш,*
*Тоҷ аст ба домани шафақ чун хуршед.*

*Афрохта мо дирафш бар боми фалак,*
*Бардошта бо ливои худ коми фалак.*
*Дар домани атласаш ба зар бинвиштем*
*Сад розу ниёзи хеш бар номи фалак.*

*Ҳар хурду бузурги ин Ватан хушҳоланд,*
*Аз парчами қадбаланди мо меболанд.*
*Ҳангоми гузар паррандаҳои кӯчӣ*
*Бӯсида дирафши мо, ба рӯ мемоланд.*

**Вақте ки вориди хонаи дӯсти дерин, собиқадори меҳнат, сокини деҳаи Қалъаи нави шаҳри Роғун Абдуҷаббор Содиқов шудем, дидем, ки дар тарҳи хонаи ӯ тағйироти ҷиддие рух додааст. Инро дарк кард, ки гуфт:**

- Хонаҳои кухна барои аҳли хонавода тангӣ кард. Аз роҳ поён замини бекорхобидаро тариқи ҳашар ҳамвор намуда, хонаи истиқоматӣ сохтему барои ёру дӯстон меҳмонхона. Дар қитъаҳои пасту баланди он ниҳоли себу нок шинондему дар соҳили дарё шамшод. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мардуми мо шароити хуб муҳайё кардаанд. Обу заминро ба ихтиёри онҳо додаанд, то самаранок истифода баранду зиндагии худро беҳтар созанд.

Баъд аз ин суханҳо лаҳзае хомӯш монду аз гуфтору кирдори акааш шодравон Хуррам Содиқов ёд кард:

- Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ вай бо хоҳиши худ ба хизмати ҳарбӣ рафт. Дар мубориза бо фашистон корнамоӣ нишон дод. Ба Ватан баргашта, ба Донишгоҳи хоҷагии қишлоқ дохил шуд. Баъд аз хатми он дар Раёсати хоҷагии қишлоқи ноҳияи Обигарм кор кард. Пас аз барҳам хӯрдани ноҳия раиси колхози ба номи Куйбишев, котиби ташкилоти ҳизбии хоҷагии Қалъаи дашт, муовини мудири



# ИБОДАТ БА ҶУЗ ХИДМАТИ ХАЛҚ НЕСТ

шуъбаи ташвиқот ва тарғиботи кумитаи ҳизбии ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) таъин гардид. Минбаъд раисии комитети назорати халқии ноҳияи Файзободро ба уҳда дошт, даҳ соли охир директори совхози Файзобод буд.

- Ёд дорам, - гуфтам ба гап ҳамроҳ шуда. - Солҳое, ки раиси кумитаи назорати халқии ноҳияи Файзобод будаму вай директори хоҷагӣ, бо чунин суол ба наздаш омадам. Чӣ мешавад, ки алафи талу теппаҳои гирду атрофро аввал дарза баста, ба ҷойи 8-10 мошин бо як мошин ба фермаҳо кашонда, ба хароҷоти зиёдатӣ роҳ надиҳем?

- Чаро ин масъаларо аз ман мепурсед? - гуфт ӯ.

- Шумо таҷрибаи бой доред. Илова ба ин, сардори «Селхозтехника» одами хеле хоксору ташаббускор аст.

- Ин кор бо осонӣ ҳал намешавад, - изҳор намуд ҳамсуҳбатам.

- Шумо ин масъаларо ҳал карда метавонед. Агар ташаббус намоед, роҳбарони дигар хоҷагиҳо пайравӣ мекунанд.

Баъд аз чунин гуфтугузор ҳар ду назди сардори «Селхозтехника» рафтем. Вай симу трактор ҷудо карду субҳи рӯзи дигар дарзабандӣ оғоз ёфт.

Баъд аз амалӣ шудани ин иқдоми наҷиб ҳар гоҳе вай маро медид, «Ҳа, додар, боз чӣ гапи нав?» - гуфта мепурсид ва барои пешрафти кор маслиҳатҳои муфид медод.

Хуррам Содиқов марди соҳибфарҳангу соҳибэҳтироми диёр буд. Боре аъзои бюрои кумитаи ҳизби ноҳияи Файзобод ҷамъ омаданду котиби аввал Мирзохуҷа Шоев изҳор намуд:

- Сохтмони қасри фарҳанги ноҳия бинобар набудани маблағ манъ шудааст.

Дар раванди муҳокимаронӣ Хуррам Содиқов гуфт:

- Набояд сохтмони чунин иншооти барои мардум муҳим ба ҳоли худ монад. Гурӯҳе бояд назди вакили мардумӣ Муҳаммад Осимӣ рафта, муҳимияти сохтани бинои фарҳангро фаҳмонанд.

Котиб пурсид:

- Ин корро кӣ ба ҷо оварда метавонад?

Ҳозирон Хуррам Содиқовро мутасаддӣ карданд.

Вай назди олими маъруф рафта, масъалаи бунёди қасри фарҳангро мусбат ҳал кард. Баъд аз чанде бинои иборат аз дуошёна ба истифода дода шуд.

Хуррам Содиқов деҳқони асил буд. Вақти зиёдро дар саҳро бо деҳқонон мегузаронд. Кӯшиш мекард истеҳсоли ғалла, лаблабу, ҷуворимаккаю помидор, ширу гӯшт зиёд шаваду хоҷагӣ номдор гардад.

- Ҳар боре акаи Хуррам ба хонаи мо меомад, - ба ёд меорад Абдуҷаббор, - дар сари дастархон фарзандонамро насиҳат карда мегуфт:

- Хонед, илму дониш гиред, бе дониш ҷомеа тараққӣ намекунад.

Шукри Худо, ки писаронам аз рӯи насиҳати амакашон амал карда, ба мақсад расиданд.

Шарбатулло баъд аз хатми мактаби миёна ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи иқтисодии Тоҷикистон дохил шуд. Онро бо баҳои аъло хатм карда, таҳсилро дар аспирантураи Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Москва идома дод. Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардид, айни ҳол ҷонишини раиси коллегияи адвокатҳои «Ҳуқуқ ва адолат»-и шаҳри Москва мебошад.

Ҳокимбек факултети ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм карда, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ шуд. Дар вазифаҳои мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонони Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон, мутахассис-пешбари шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ, сармутахассиси шуъба оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонунияти Маҷлиси миллӣ, мушовири калони Комитети Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба таъминоти ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, сармутахассиси раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсон фаъолият карда, ҳоло дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Корномаи Абдуҷаббор Содиқов низ ҷолиб аст. Дар оғоз ба ҳайси коргари совхози Қалъаи дашт, лаборанти мактаби миёна фаъолият карда, ба Донишгоҳи хоҷагии қишлоқ дохил мешавад. Баъд аз хатми он ба сифати зоотехники хоҷагии Қалъаи дашт, зоотехник, иҷрокунандаи вазифаи сарзоотехники совхози байнихоҷагии чорвофарбеҳкунии ноҳияи Файзобод, сарзоотехник, муовини сардори шуъбаи истеҳсол ва тайёркунӣ, муовини раиси Иттиҳодияи агросаноатӣ, директори совхози ба номи Дзержинский фаъолияти пурмаҳсул дошт. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ сарзоотехники раёсати кишоварзии шаҳри Роғун, директори совхози Қалъаи нав, муовини раиси ҷамоати деҳоти Қади об буд.

Баъд аз ба шаҳри Роғун ташриф овардани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони иншооти азими аср - НБО «Роғун» ба корзори миллӣ табдил ёфт. Аз тамоми гӯшаи ҷумҳурӣ одамон ба ин иншоот ба кор омаданд.

– Ба ҳайси коргари хоҷагӣ ба сохтмон омада, фаҳмидам, ки агар НБО «Роғун» бо иқтидори пурра сохта ба истифода дода шавад, истеҳсоли солонаи барқи он ба 13,1 миллиард КВТ/соат мерасад, - гуфт ӯ. - Ин рақамҳо далели он аст, ки Тоҷикистони азизи мо ояндаи дурахшон дорад.

Бо Абдуҷаббор Содиқов ҳамсуҳбат шуда, ба хулоса омадам, ки мардро меҳнати содиқона сарбаланд месозад.

Аз поёни боғи вай дарёчае ҷорист. Замони пеш, бинобар дар пастхамӣ ҷой гирифтани дарёча одамон аз он истифода бурда наметавонистанд ва онро «Чашмаи оби бекор» меномиданд. Баҳору зимистон аз ҳисоби барфу борон ва чашмаҳои гирду атроф оби дарёча зиёд шуда, аз он гузаштан амри маҳол буд. Бо ибтикори Абдуҷаббор Содиқов дар болои дарёча пул бунёд ва шароити фароғат муҳайё гардид.

Ҳамин тавр, Абдуҷаббор Содиқов тамоми зиндагиашро барои бунёдкорию ободонӣ сарф менамояд. Хуб медонад, ки дар ин дунё аз инсони нек зикри хайр мемонад. Ба қавли шоир:

**Ибодат ба ҷуз хидмати**
**халқ нест,**
**Ба саҷодаю ҷомаю**
**далқ нест.**

**Раҷабалӣ АҲМАДЗОДА,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон**

# МАРҲИЛАИ СИФАТАН НАВИ РУШДИ МАОРИФ

**Замоне ки Тоҷикистон истиқлолият ба даст овард, маориф чун дигар соҳаҳо ҳоли табоҳ дошт. Агар ба масъала аз равзанаи тадқиқ ва таҳлил бингарем, маълум мегардад бисёр муассисаҳои таълимӣ, махсусан дар минтақаҳои ҷангзада, харобу нобуд гашта буданд. Муассисаҳои боқимонда эҳтиёҷи молиявӣ доштанд. Кам будани маблағгузорӣ дар солҳои аввали истиқлолият муҷиби кам гардидани маоши омӯзгорон ва чандин мушкили дигари соҳа шуд. Борҳо аз омӯзгорон шунидаем, ки он замон ҳамон маоши камро ҳам намегирифтанд. Омӯзгорон пароканда шуда, бисёр хонандагон аз таълим дур монданд. Ин ҳама ба ояндаи босаодати кишвар хатар маҳсуб меёфт. Хатари маънавӣ, ки метавонист хоса наврасонро ба сӯи ҷаҳлу торикӣ барад.**

Роҳбари давлатмон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини сарварии хеш ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот таваҷҷуҳи махсус намуданд, то чароғи маърифат хомӯш нагардад. Аз нури дониш роҳи ояндаи наврасон равшан бошад, онҳо худро шиносанд ва рисолаташонро иҷро намоянд. Ба ин мақсад тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зиёд андешида шуд. Рақамҳо шаҳодати онанд, ки сол ба сол маблағгузорӣ ба соҳа бештар шуда, шумораи муассисаҳои наву замонавӣ афзудааст. Чунончи, аз соли 1991 то соли 2020 дар мамлакат 3020 иншооти соҳаи маориф бо зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст ба истифода дода шуд. Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳояшон зикр намуданд, Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо миёни 183 кишвар ҷойи 21-умро ишғол менамояд. Бо ин далел сию се соли соҳибистиқлолиро метавон марҳилаи сифатан нави рушди маориф арзёбӣ намуд.

Айни замон дар доираи консепсияю барномаҳо дар соҳа ислоҳот ва навсозӣ бомаром идома дорад. Пеш аз ҳама, барномаҳои таълимӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот таҷдид ва мувофиқ ба талаботи давр гардиданд, ҳатто дар зинаи таҳсилоти томактабӣ. Агар солҳои пештар фаъолияти боғчаҳо бештар ба нигоҳубини кӯдакони синни томактабӣ равона мешуд, ҳоло ин муассисаҳо масъулияти ҷиддитаре бар дӯш доранд. Бо назардошти муҳимияти масъала ва ҷалби бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ дар минтақаҳое, ки муассисаи томактабӣ надоранд ё намерасанд, дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ марказҳои инкишофи кӯдак таъсис ёфта истодааст. Тибқи тағйироте, ки дар нақшаи таълим ворид карда шуд, минбаъд дарсҳои хештаншиносӣ, забони давлатӣ ва забонҳои русию англисӣ дар гурӯҳҳои ғайритоҷикӣ ҳафтае ду маротиба ба кӯдакон таълим дода мешавад. Имсол ҷадвали басти воҳидҳои кории муассисаҳо, ки аз замони шуравӣ амал мекард, таҷдиди назар шуд.

Вобаста ба талаботи замон дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ низ тағйироти зиёд ворид гашт. Аз ҷумла, шаклҳои нави муассисаҳои таҳсилоти умумӣ - литсею гимназияҳо ва мактабҳои хусусӣ таъсис ёфтанд. Дар муҳтаво ва чопи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ низ тағйирот ворид шуд, ки ба беҳтар гардидани таълим бетаъсир намонд. Муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ҳамасола дар озмуну олимпиадаҳои минтақавию ҷаҳонӣ иштирок намуда, ҷойҳои ифтихориро сазовор мегарданд. Дигаргунии асосӣ дар ин зинаи таҳсилот он аст, ки имсол ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» тағйирот ворид шуд ва он хонандагонро уҳдадор менамояд баъд аз хатми зинаи таҳсилоти умумии асосӣ таҳсилро дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ идома диҳанд.

Ҳоло дар соҳа ба истилоҳҳое, чун «таҳсилоти дуалӣ», «таҳсилоти фосилавӣ», «таҳсилоти рақамӣ», вомехӯрем, ки қаблан вуҷуд надоштанд. Агар ҳадаф аз таҳсилоти рақамӣ тавассути ТИК (технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тағйир додани шаклу усулҳои таълим ва ба талаботи давр мутобиқ намудани он мебошад (дар ин шакли таҳсилот диққати асосӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гашта, инчунин, тамоми зинаҳои дигари таҳсилро фаро хоҳад гирифт), таҳсилоти дуалӣ ва фосилавӣ ба зинаи сеюми таҳсилот - донишгоҳу донишкадаҳо равона гардидааст.

Таҳсилоти фосилавӣ дар донишгоҳҳо ба ҷойи усули анъанавии таҳсили ғоибона роҳандозӣ гаштааст. Ин таҷрибаи кишварҳое мебошад, ки дар соҳаи маориф пешсафанд. Қабл аз пиёда сохтани таҳсилоти фосилавӣ коршиносони соҳа онро ҳамаҷониба омӯхта муайян намуданд, ки мутахассисони дар низоми таҳсили фосилавӣ дипломи дараҷаи бакалаврро соҳибшуда, аз мутахассисони дар шакли ғоибона таҳсилнамуда, дониш ва лаёқати беҳтар доранд. Дар ин шакли таҳсил донишҷӯ имкон дорад дар самте, ки таҳсил мекунад, ҳамзамон, фаъолият намояд. Яъне, дар низоми фосилавӣ алоқамандии назария ва амалия ба роҳ монда мешавад, ки барои омодасозии мутахассисон хеле муҳиму мусоид аст.

Коршиносони соҳа таҳсилоти дуалиро низоми таълимие арзёбӣ менамоянд, ки дар он донишҷӯён қисми назариявии таълимро дар муассисаи таълимӣ ва қисми амалиро дар истеҳсолот - корхонаю муассисаҳо мегузаронанд. Яъне, таҳсилоти дуалӣ имкон фароҳам меорад, ки таҳсил бо таҷрибаи амалӣ дар корхонаю ташкилотҳо пайваст гардад. Дар маҷмӯъ, мақсади асосии гузаштан ба таҳсилоти дуалӣ ва фосилавӣ тағйир додани шаклу усулҳои таълим ва ба талаботи давр мутобиқ намудани фаъолияти зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи таълимӣ мебошад. Ҳоло ин навъҳои таҳсилот аз маъмултарин ва дастрастарин усули замонавии омода намудани мутахассисони оянда дар самтҳои гуногун арзёбӣ мешавад.



Ҳамзамон, дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо як қатор кишварҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ дар самти маориф созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расида, тавонистем ба барномаҳои пешрафта дар соҳаи маориф, илм ва техника дастрасӣ пайдо намоем.

Эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар кишварҳои аврупоӣ аз дастовардҳои муҳими ҷумҳурӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ мебошад, ки маҳз бо шарофати истиқлоли давлатӣ амалӣ гардид. Имрӯз бисёр хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ихтисосе, ки дар ҷумҳурӣ гирифтаанд, берун аз кишвар низ фаъолият доранд.

Метавон гуфт, ки маориф дар давраи соҳибистиқлолӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд ва хоҳад монд. Бо он таваҷҷуҳе, ки то ин вақт ба илму маориф зоҳир гардид, соҳа дар оянда ба дастовардҳои бештару беҳтар ноил хоҳад шуд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

ОБУНА - 2025

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025 ДАВОМ ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877;
Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10 декабри соли 2024 музоядаи № 5-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металлҳои сиёҳ, чӯян ва ранга баргузор менамояд**

| № т/р | Номи корхона ва ташкилот | Мавқеи ҷойгиршавии корхона | Миқдори пораву партовҳои металлҳои сиёҳ, чӯян ва ранга дар 1 лот (бо тонна) | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе | 0,264 | 316,8 |
| 2 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе | 0,005 | 6 |
| 3 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии ба номи профессор М. Ғ. Ғуломов» | шаҳри Душанбе | 1,654 | 1985 |
| 4 | Нашрияи миллии адабии «Садои Шарқ» | шаҳри Душанбе | 0,007 | 8,4 |
| 5 | Муассисаи давлатии «Таъмир ва нигоҳдории пойгоҳҳои обкашӣ» | шаҳри Душанбе | 0,013 | 15,6 |
| 6 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи муҳандисии техникии ноҳияи Нуробод» | ноҳияи Нуробод | 4,619 | 5542,8 |
| 7 | Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар ноҳияи Файзобод | ноҳияи Файзобод | 0,060 | 72 |
| 8 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | ноҳияи Фархор | 0,250 | 300 |
| 9 | Хоҷагии таълимӣ-таҷрибавии «Ёвон-1»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур | ноҳияи Ёвон | 6,040 | 7248 |
| 10 | Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар | шаҳри Бохтар | 0,607 | 728,4 |
| 11 | Муассисаи давлатии «Хоҷагии ҷангали ноҳияи Данғара» | ноҳияи Данғара | 2,1 | 2520 |
| 12 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин | ноҳияи Шамсиддин Шоҳин | 0,083 | 99,6 |
| 13 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд | 1,499 | 1798,8 |
| 14 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | ноҳияи Ҷаббор Расулов | 0,298 | 357,6 |
| 15 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев | шаҳри Хоруғ | 2,7 | 3240 |
| 16 | Раёсати минтақавии гумрукӣ дар ВМКБ-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВМКБ | 0,031 | 37,2 |
| 17 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи муҳандисии техникии ноҳияи Нуробод» (чӯян) | ноҳияи Нуробод | 0,161 | 128,8 |
| 18 | Муассисаи давлатии маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» (ранга) | шаҳри Душанбе | 0,003 | 39 |
| 19 | Идораи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (ранга) | шаҳри Душанбе | 0,003 | 39 |
| 20 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии ба номи профессор М. Ғ. Ғуломов» (ранга) | шаҳри Душанбе | 0,066 | 858 |
| 21 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (ранга) | шаҳри Хуҷанд | 0,054 | 702 |
| 22 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев (ранга) | шаҳри Хоруғ | 0,029 | 377 |
| 23 | Раёсати минтақавии гумрукӣ дар ВМКБ-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ранга) | ВМКБ | 7,87 | 102310 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе دониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10 декабри соли 2024 музоядаи № 58-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

| № т/р | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Ҳолати воқеӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Нӯшокии газноки «Borjomi» зарфаш шишагини ҳаҷми ғунҷоишаш 0,5 литр | адад | 504 | ---- | 5040 |
| 2 | Тамокуи тамғаи «ESSE CHANGE» | адад | 1066 (қуттии хурд) | ---- | 13858 |
| 3 | Тамокуи тамғаи «MILANO» | адад | 36 (қуттии хурд) | ---- | 162 |
| 4 | Телефони мобилӣ «Redmi Note 11» | адад | 1 | истифодашуда | 700 |
| 5 | Телефони мобилӣ «Samsung A 5» | адад | 1 | истифодашуда | 260 |
| 6 | Телефони мобилӣ «Samsung» | адад | 1 | истифодашуда | 40 |
| 7 | Телефони мобилӣ «Samsung» | адад | 1 | истифодашуда | 150 |
| 8 | Телефони мобилӣ «Samsung» | адад | 1 | истифодашуда | 150 |
| 9 | Телефони мобилӣ «Nokia» | адад | 1 | истифодашуда | 200 |
| 10 | Блоки системавии компютер | адад | 1 | истифодашуда | 760 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**24 декабри соли 2024 музоядаи № 7-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул барпо менамояд:**

- Бино ва иншооти заводи истеҳсоли хишт, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Ҳазора. Нархи ибтидоӣ - 1 720 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои иншоотҳои ғайриманқул барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 425999 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | Сӯзишворӣ (бензин, сӯзишвории дизелӣ, гази моеъ ва равғанҳои молиданӣ) | Озмуни кушод | Мол | 4 | 10.12.2024 15:30:00 |
| 2 | 426000 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов» | Таъмири биноҳои маъмурӣ ва хобгоҳи МД «Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 10.12.2024 16:30:00 |
| 3 | 426010 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Асбобҳои ёрирасон барои хизматрасонии техникии автомобилҳо ва таҷҳизот барои таъмир ва хизматрасонии онҳо | Озмуни кушод | Мол | 30 | 10.12.2024 16:50:18 |
| 4 | 426002 | Маркази вилоятии назорати давлатии фаъолияти санитарию эпидемиологии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 10.12.2024 17:15:00 |
| 5 | 426003 | Муассисаи «Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои камонварӣ»-и вилояти Суғд | Камонҳои варзишӣ ва қисмҳои он | Озмуни кушод | Мол | 6 | 10.12.2024 17:15:00 |
| 6 | 426004 | Маркази саратоншиносии вилояти Суғд | Реактивҳо ва лавозимоти лабораторӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 10.12.2024 17:15:00 |
| 7 | 426005 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 10.12.2024 17:15:00 |
| 8 | 426008 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Биринҷи девзира | Озмуни кушод | Мол | 1 | 10.12.2024 17:15:00 |
| 9 | 426009 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд, «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №25» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 51 | 10.12.2024 17:25:00 |
| 10 | 426012 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Биринҷ ва меваи хушк | Озмуни кушод | Мол | 2 | 11.12.2024 08:30:00 |
| 11 | 426013 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Молҳои хоҷагӣ, сантехникӣ ва сохтмонӣ, насоси гардишкунанда, муҳаррики электрикӣ, ҷуворимакка ва гандум | Озмуни кушод | Мол | 14 | 11.12.2024 08:30:31 |
| 12 | 426014 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Асфалти гарми майдадона | Озмуни кушод | Мол | 1 | 11.12.2024 08:50:36 |
| 13 | 426015 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва молҳои масрафшаванда | Озмуни кушод | Мол | 18 | 11.12.2024 09:18:00 |
| 14 | 426016 | Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Молҳои хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 13 | 11.12.2024 09:19:00 |
| 15 | 426017 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, картриҷҳо, алафдараваки бензинӣ ва техникаи маишӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 11.12.2024 09:30:00 |
| 16 | 426006 | Маркази клиникавӣ-эндокринологии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 11.12.2024 09:40:00 |
| 17 | 426018 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия -Тоҷикистон | Молҳои сантехникию барқӣ, масолеҳи сохтмонӣ, асбобҳои барқии дастӣ, радиаторҳои биметалӣ, теплообменник ва насосҳои обкашии барқӣ | Озмуни кушод | Мол | 87 | 11.12.2024 09:40:00 |
| 18 | 426019 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 64 | 11.12.2024 09:50:00 |
| 19 | 426007 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 89 | 11.12.2024 09:50:50 |
| 20 | 426021 | Муассисаи давлатии ансамбли ҷумҳуриявии «Лаъл» | Либоси саҳнавӣ ва пойафзоли занона | Озмуни кушод | Мол | 2 | 11.12.2024 11:35:00 |
| 21 | 426020 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Таъмири ҷории майдончаи варзишӣ, утоқҳои корӣ ва саҳни ҳавлии Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Озмуни кушод | Кор | 1 | 11.12.2024 11:45:00 |
| 22 | 426022 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Нуриҳои минералӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 11.12.2024 11:45:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Маълумотномаи гумшудаи силсиладори силсилаи «Г» №0223907, ки онро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2016 ба Шарифов Абдуғаффор Абдурасулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматии таҳти рақами инвентарии 014/20801, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 27 сентябри соли 2019 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Зарнисор, ба Баротов Бекназар (РМА 035095568) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматии таҳти варақаи бақайдгирии 1624, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2008 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи А. Шералӣ, ба Баротова Ашурмоҳ (РМА 125284486) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2023 ба Оқилова Фарзонабону Сухробовна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Филиали МИСиС дар шаҳри Душанбе соли 2023 ба Ҷонбекова Камила Тилобековна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 27 августи соли 2024 ба Хамидов Ахаджон Эркинжонович (РЯМ 0430378071) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №1159276, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2023 ба Абдураҳмонов Шоҳин Доробшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А03250195, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10 марти соли 2020 ба Ҳусаинов Алӣ Лашкарович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба Ҷонов Манучеҳр Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳиссагузории шарикӣ дар сохтмони бинои истиқоматии бисёрошёна, ки 15 июни соли 2013 байни ҶДММ «Марко» ва шаҳрванд Қарахонова Зумратбӣ Асоевна бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Бухоро, бинои 54, хонаи 19, баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Эълони нашршуда («Садои мардум» №142 (4882) аз 20 ноябри соли 2024 «Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0169246, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ соли 2014 таҳти қайди 5503 ба Сабуров Сабур Амонович додааст») бинобар ёфт шудани дипломи зикршуда, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Ситораи само» (РЯМ 0110027125, РМА 010103419) эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Зуд хурок» (РЯМ 0110030828, РМА 010107375), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 22 июли соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 22 ноябри соли 2024, соати 9:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33040 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97